ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚАРОРИ
РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

аз «25» октябри соли 2018. № 694

Дар бораи додани ичозат ба шаҳрванд Баходуров И.В. барои сохтмони бинохои баландошёнаи истикоматӣ, таваккуфгохи наклиёти автомобилии зеризаминӣ дар таҳхонахои онхо, дар заминаи бинохои истикоматии бисёрхучрадори фарсуда, вокеъ дар кӯчахои Ал-Беруни №№7, 8, 9, 10 ва манзили истикоматии шахсӣ, вокеъ дар кӯчаи Дехи боло №235, ноҳияи Сино шаҳри Душанбе

Бо максади татбики Накшаи генералии шаҳри Душанбе мурочиати шаҳрванд Баходуров И.В. аз 2 июли соли 2018, №Б-2650-ро оид ба сохтмони бинохои баландошёнаи истикоматӣ, таваккуфгохи наклиёти автомобилии зеризаминӣ дар таҳхонахои онхо, дар заминаи манзили шахсии пастошёна ва бинохои истикоматии бисёрквартирадори фарсуда, вокеъ дар кӯчахои Ал-Беруни №№7, 8, 9, 10 ва Дехи боло №235, ноҳияи Сино шаҳри Душанбе баррасӣ намуда, бо инобати протоколхои ҷаласаи ҷамъият аз 12 декабри соли 2017, №01/01-08/2018 ва 1 августи соли 2018, №01/01-08/2018 доир ба сохтмони маҷмааи бинохои истикоматии баландошёна, вокеъ дар кӯчаи Ал-Беруни №№7, 8, 9, 10 ва Дехи боло №235, Шартнома аз 8 августи соли 2018, №51/2-08/2018 дар бораи ваколатхо ва ухдадорихои шаҳрванд Баходуров И.В., мутобики моддахои 19 ва 20 Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи макомоти маҳаллии хокимияти давлатӣ», моддаи 17 Кодекси замини

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба шаҳрванд Баҳодуров Икромиддин Ваҳобович ҳуқуқ ба бартарафсозии биноҳои истиқоматии бисёрҳуҷрадор, вокеъ дар кӯчаҳои Ал-Беруни №№7, 8, 9, 10 ва манзили шаҳсии истиқоматӣ, вокеъ дар кӯчаи Деҳи боло №235 ва дар заминаи онҳо иҷозат барои сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, таваққуфгоҳи нақлиёти автомобилии зеризаминӣ дар таҳҳонаи онҳо, дар қитъаи замини масоҳати умумии 0.72 (сифр аз сад ҳафтоду ду) гектар, бо дақиқ намудани масоҳати зери сохтмони биноҳо тибки лоиҳа дода шавад.

2. Шаҳрванд Баҳодуров Икромиддин Ваҳобович вазифадор карда шавад, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқи соҳибмулкон ва таъмини адолати иҷтимой ҷуброни зарари бартарафкунии биноҳои мавҷударо тибқи қонун барқарор ва инчунин розигии соҳибмулкони хонаҳои истиқоматиро оид ба таъмини онҳо бо манзилҳои истиқоматӣ ва шартномаҳои моликият аз соҳибмулкони биноҳои истиқоматӣ бо мақсади бартарафсозӣ ва бо шарти минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи моликият ба хонаҳо дар биноҳои азнавбунёдшуда, тариқи нотариалӣ ба расмият даровард, то ба итмом расидани сохтмони биноҳои истиқоматӣ соҳибмулкони хуҷраҳои истиқоматиро бо манзилҳои иҷорави аз маблағҳои худӣ таъмин намояд.

3. Шаҳрванд Баҳодуров И.В. корҳои лоиҳавӣ ва сохтмонии иншоотро танҳо баъди иҷрои банди 2 ҳамин қарор, тибки талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ дар асоси лоиҳаҳои даҳлдор, пас аз дастрас намудани Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, хулосаи экспертизаи давлатии лоиҳаҳо ва иҷозати Сарраёсати меъмори ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе оид ба оғози корҳои сохтмонӣ шурӯъ шавад, баъди анҷоми сохтмон биноҳоро барои мавриди истифодабарӣ қарор додан давра ба давра ба комиссияи давлатии қабул пешниҳод намояд.

4. Ухдадории шаҳрванд Баходуров И.В. аз 6 сентябри соли 018 ДШ№0973007 дар хусуси аз маблағҳои худӣ ба миқдори 500,00 (ду миллиону панҷсад) ҳазор сомонӣ, аз ҷумла барои авшандиҳии рекламавии хиёбонҳои Рӯдакӣ ва Ҳ.Шерозӣ ба маблаги 1900,00 (як миллиону нуҳсад) ҳазор сомонӣ, сохтмони ҷатхона ба маблаги 100,00 (сад) ҳазор сомонӣ, таъмиру тачдиди арвозаи гарбии шаҳри Душанбе ба маблаги 120,00 (яксаду бист) азор сомонӣ пардохт намудан ва барои ободонии шаҳр саронидани ёрии молиявӣ ба маблаги 380,00 (сесаду ҳаштод) азор сомонӣ, инчунин баъд аз ба итмом расидани сохтмони ноҳои истиқоматии баландошёна, воқеъ дар кӯчаҳои Ал-Беруни №7, 8, 9, 10 ва Деҳи боло №235, 10 (дах) адад квартирахо, аз ҷумла 6 (шаш) адад якҳуҷрадор ва 4 (чор) адад дуҳуҷрадорро бо масоҳати 402,00 (чорсаду ду) метри мураббаъ ба тавозуни ҳукумати иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ройгон гирифтан, ки дар идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино шаҳри Душанбе дар феҳрасти таҳти №5г-2736 сабт шудааст, ба ҳисоб гирифта шавад.

5. Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе ба ҳуҷҷатҳои кадастрии замин тағйирот ворид намояд.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси шаҳри Душанбе Зувайдзода М.М. гузошта шавад.

ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН * ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ * ҲОКИМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН

Рустами Эмомалӣ